**«Тасдиқ менамоям»**
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи акад.Б.Ғафуров"
доктори илмҳои таърих,
профессор Усмонзода А.И.
_______________
«_7_» _03_______соли 2023

# ХУЛОСАИ

**кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба рисолаи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ.**

Диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" омода гардидааст.

Ахмедова М.Ф. дар давраи омодагии рисола ба сифати докторанти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" фаъолият бурдааст.

Ахмедова М.Ф. факултети санъати тасвирӣ ва технологияи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

технология хатм намудааст. Соли 2018 магистратураро бо ихтисоси муаллимаи синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст. Соли 2018 ба докторантура аз рӯи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дохил шуда, онро соли 2021 хатм намудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯй Ахмедова М.Ф., доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров” Шаропов Шавкат Аҳмадович тайин шудааст.

***Аз натиҷаи муҳокимаи рисолаи Ахмедова М.Ф чунин қарор қабул карда шуд:***

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муносибати ҷомеаро нисбат ба маориф амалӣ гардонида, дар он принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар ин самт таъйин шуда, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба таҳсил таъкид гардидааст. Дар байни принсипҳои дар қонун зикргардида мо ба принсипи инноватсионии низоми маорифро таваҷҷуҳ мекунем, зеро он ба тамоюлҳои асосии рушди дар боло зикргардида ҷавобгӯ мебошад. Қонун ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълим, иттилоотикунонии таълим, дастрасӣ ба шабакаҳои байналмиллалии коммуникатсионӣ, таълими фосилавӣ дар асоси истифодаи воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсиониро ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки низоми маориф пешбинӣ мекунад.

Тағйироти зикршуда дар барномаи таҳсилоти олии Тоҷикистон ба он асос ёфтааст, ки хизматрасонии таълимӣ на ба омӯзонидани маҷмӯи иборат аз дониш, малака ва маҳорат, балки ба салоҳияти шахсӣ, иҷтимоӣ ва касбии онҳо асос ёфтааст, яъне, қобилияти мустақилона ба даст овардан, таҳлил ва истифодаи судманди инноватсия, маҳорати оқилона ва самаранок зиндагӣ ва кор кардан дар ҷаҳони зудтағйирёбанда мебошад.

*Навгонии илмии таҳқиқот* дар нуктаҳои зерин ифода ёфтаанд: мушаххас намудани мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим»,

таҳияи амсила самаранокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ, муайян кардани шароитҳои ташкилию педагогии омода намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим, мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, заруратиистифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баландбардоштани самара нокии раванди омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим асоснок карда шудааст.

*Арзиши назариявии таҳқиқот* дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтаанд: асосҳои назарӣ, шароит ва қоидаҳои имконияти педагогии омодасозии омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотии таълим муайян гардидаанд, ки барои аз ҷониби донишҷӯён аз худ намудани донишҳову маҳорати касбӣ дар фаъолияти минбаъдаи онҳо заруранд ва ба инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат менамоянд; - мафҳуми «технологияҳои инноватсионии таълим» ҳамчун тавсифи ҳамгирову инкишофёбандаи шахсият ифода гардидааст; - робитаҳои қонунӣ, ҳамбастагии байни ҷузъҳои ташкили дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими донишҷӯён татбиқ мешавад, ошкор шудаанд.

*Арзиши амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқот* дар нуктаҳои зерин ифода шудаанд: коркарди шартҳои педагогӣ, технологияи дидактикӣ бо ҳадафи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими донишҷӯён анҷом ёфта, тавсияҳои методӣ оид ба рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим бо истифодаи шартҳои педагогии ошкоргардида дар раванди таълим тартиб дода шудаанд, коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди омодасозии омӯзгорон ба истифодаи

технологияҳои инноватсионии таълим, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардидааст.

Тавсияҳои педагогии дар рисола пешниҳод гардида, метавонанд ба омӯзгорони ояндаи макотиби олӣ ҷиҳати муайян ва рушд додани сатҳи лаёқатмандии донишҷӯён кӯмаки амалӣ расонад.

*Асоси методологии таҳқиқотро* матлабҳои фалсафӣ дар бораи ҳамбастагии падидаҳои педагогӣ; таълимот оид ба табиати фаъолиятмандонаи шахсият ва моҳияти иҷтимоии он; мантиқи диалектикии омӯзиши муаммо дар ҳаракати он; дидгоҳҳои ба шахсият нигаронида, гносеологӣ, стохастикӣ; ҳамчунин назарияи шахсият, таҳқиқоти консептуалии назария ва амалияи таҳсилот, таълифоти бунёдӣ (фундаменталӣ) дар соҳаи амсиласозии падидаҳои педагогӣ ташкил медиҳанд.

*Асоси назариявии таҳқиқотро* ғояҳои пешбари инкишофи шахсият; ғояҳои хусусияти эҷодӣ ва интерактивии фаъолияти субъект дар сохтори навъҳои гуногуни таълим; назария, методология ва амалияи дидгоҳи салоҳиятнокӣ дар таҳсилот; назария ва методикаи идоракунии таҳсилот; консепсияи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ба вуҷуд овардаанд.

*Ғояи пешбари таҳқиқот аз он иборат аст,* ки технологияи педагогии коркардшуда оид ба рушди самараноки омодасозии омӯзгорон ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим бо назардошти талаботи имрӯзаи низоми таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои ташаккули шахсияти омӯзгори босалоҳият ва фаъолу эҷодкор, омодагии онҳо ба фаъолияти педагогӣ имконияти васеъ фароҳам меорад.

*Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат аст:* иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо

донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи омодасозии омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои инноватсионии муосири таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мутобиқат мекунад.

Нуктаҳои асосии рисола ва натичаҳои тадқиқот дар семинарҳои илмӣ- назарии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", дар конференсияҳои илмӣ - назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидааст.

Интишороти илмӣ ва илмӣ - методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 20 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 5 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда инъикос ёфтаанд.

***Дар асоси муҳокима ва хулосабарорӣ шурои олимони факултет чунин қарор қабул кард:***

1. Диссертатсияи Ахмедова М.Ф. дар мавзӯи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим» рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳое, ки дар "Низомномаи намунавии тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ"-и КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст.

2. Диссертатсияи Ахмедова М.Ф. дар мавзӯи «Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Ш.И. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи шурои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима ва қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 26 нафар аъзо шурои олимон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-19 нафар, «муқобил» - нест, “бетараф” – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (Суратҷаласаи №7 аз 28.02.2023).

**Раиси ҷаласа,**
раиси Шӯрои олимони факултети
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Д.А. Усмонзода.

**Муқарризон:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.А. Азизов.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ш.И. Кучибоев.

Котиби ҷаласа, котиби илмии
Шӯрои олимони факултет,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Д.З. Раҳмонова.

**Имзои Усмонзода Д.А. ва Раҳмонова Д.З.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори Раёсати кадрҳои
МДТ “ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров” Э.М.Наврӯзов

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел: +(992) 92900420202
E-mail: rayosati kadr@mail.ru